# Китоби Муқаддас барои кӯдакон

# Исо устоди бузург



Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Byron Unger; Lazarus Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: E. Frischbutter; Sarah S.

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2025 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.





Исо устоди бузург, ҳатто аз ҳама беҳтарин буд. Тӯдаи одамон ба сухани Ӯ гӯш медоданд.


Исо ба онҳо мегуфт, ки раҳмдил, некӯкор ва меҳрубон бошанд. Дигарон шояд аз онҳо нафрат карда, зарар расонанд, лекин Худо дар бораи онҳо ғамхорӣ хоҳад кард.
3
Исо бисёр чизҳоро таълим медод. Ӯ мегуфт, ки чӣ хеле ки шамъ хонаро равшан мекунад, одамони Худо низ ба ҷаҳон рӯшанӣ мебахшанд. Бинед, ки чӣ хел шамъ хонаи торикро дигар мекунад!
4
Одамоне, ки Исо бо онҳо гап мезад, ба қасос бовар мекарданд, ки ″Чашм ба ивази чашм ва дандон ба ивази дандон″ аст. Лекин Исо ҳатто дар муносибат ба душманони худ меҳрубонӣ, бахшиш ва муҳаббатро таълим медод.
5
Дар давраи Исо, баъзеҳо худро ҳамчун одами хеле муқаддас нишон медоданд. Ҳангоми ба гадоён пул додан онҳо як карнайчиро киро мекарданд, то вай карнай занаду ҳама нигоҳ кунанд. Аммо Исо мегуфт:
″Садақаи худро пинҳонӣ диҳед, он гоҳ Худо ба шумо мукофот медиҳад″.
6
Исо дар бораи дуокунӣ низ ҳамин хел таълим медод. Баъзеҳо дар кунҷи кӯчаҳои серодам дуо мекарданд, то ки ҳама онҳоро бинаду шунавад. Онҳо парвои Худо надоштанд. Барояшон муҳим буд, ки дигарон дар бораи онҳо чӣ фикр мекунанд. Исо онҳоро дурӯягон, яъне ҳунармандони дурӯғин меномид.
7
Бештар вақт Исо барои фаҳмонидани таълимоташ аз табиат мисол меоварда. Масалан, ба парандагон ишора карда мегуфт: “Падари осмонии шумо онҳоро мехӯронад. Хавотир нашавед. Худо шуморо низ таъмин мекунад”.
8

Исо боз гапашро давом дод: “Ҳатто шоҳ Сулаймони сарватманд ба монанди гулҳои савсан либоси зебое напӯшидааст.



9

Агар Худо алафи саҳроро пӯшонад, магар шуморо ҳам намепӯшонад?” Исо ба одамон таълим медод, ки ба Худо, ки ҳамаи эҳтиёҷҳои моро таъмин мекунад, имон оваранд.



10

“Агар шумо бародари худро ҳукм кунед, ин ба монанди он аст, ки хасеро аз чашми ӯ гирифтаниед, дар ҳолате ки худатон дар чашматон чӯби калоне доред” — мегуфт Исо. Шояд аз ин гап одамон зери лаб хандиданд. Аммо ба онҳо лозим буд, ки дар бораи он чи ки Ӯ дар назар дошт, фикр кунанд.



11

Исо мегуфт, ки одамон бояд аз Худо ёрӣ пурсанд. Оё вақте ки бачаҳои гурусна нон мепурсанд, падарони заминӣ ба онҳо як пора санг медиҳанд? Не албатта! Онҳо ба фарзандонашон чизҳои хуб медиҳанд. Худо низ ба онҳое ки аз Ӯ мепурсанд, чизҳои хуб медиҳад.



12

Исо ки устоди бузург буд, дар бораи муаллимони дурӯғин огоҳ кардааст. Ӯ гуфтааст: “Онҳо ба мисли гӯсфанд либос мепӯшанд. Вале ботинан ба мисли гург ҳастанд”. Исо мегуфт, ки муаллимони дурӯғинро аз тарзи зиндагиашон шинохтан мумкин аст.



13

Дар як ҳикояаш Исо гуфт, ки одамоне ки ба Каломи Худо итоат мекунанд, ба мисли шахсе ҳастанд, ки хонаашро дар рӯйи санг месозад. Вақте ки обхезии сахт мешаваду баъд ба охир мерасад, хона устувор меистад.



14

Аммо одами нодон хонаашро дар болои рег месозад. Ҳангоме ки обхезӣ бар он меояд, хона вайрон мешавад, чунки таҳкурсиаш беқувват аст. Исо гуфт, ки одамоне ки ба Каломи Худо бовар намекунанд, ба мисли ҳамин шахс ҳастанд.





Тӯдаи одамон аз суханони Исо ҳайрон шуда буданд. Онҳо ин гапҳоро ягон бор пеш нашунида буданд. Акнун онҳо медонистанд, ки шунидани Каломи Худо басанда нест. Онҳо бояд ҳар рӯз ба он итоат низ кунанд.





Исо устоди бузург

Ҳикоя аз Каломи Худо

Матто 5-7, Луқо 6

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130



# Хотима

42 60



Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16